# БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ-СИЁСӢ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Имрӯз, 8-уми октябри соли ҷорӣ, тибқи нақша, ҷаласаи навбатии хонишҳои идоравӣ-сиёсӣ дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузор гардид. Дар кори хониши идоравӣ муовини директор, иҷрокунандаи вазифаи сардори раёсат ва мудирони шуъбаҳои пажӯҳишгоҳ иштирок намуданд. Хониши идоравиро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ниёзӣ Сироҷиддин оғоз намуда, қайд кард, ки соҳаи маориф ҳамеша зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Бо таъкиди роҳбарияти олии кишвар ва дастгирии пайгиронаи Пешвои миллат, солҳои охир дар самти таҳким бахшидани пояҳои низоми миллии таълим, такмили барномаҳои таълимӣ, густариши заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таҳсилотӣ ва боло бурдани мақоми омӯзгорон корҳои муҳиме ба анҷом расидаанд. Директори Пажӯҳишгоҳ зикр намуд, ки рушди минбаъдаи соҳаи маориф ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт ба садоқату масъулиятшиносии ҳар як корманди соҳа вобаста буда, аз онҳо тақозо менамояд, ки бо руҳияи созандагӣ, эҳсоси баланди шаҳрвандӣ ва муҳаббат ба Ватан фаъолияти худро ба роҳ монанд. Дар идомаи хониши идоравӣ дар мавзуи «Усулҳои муосири ташаккули нутқи мураттаби хонандагони хурдсол дар шароити мактабҳои камнуфус» Котибова Шарифамоҳ — мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллӣ бо маърузаи илмӣ баромад намуда, иброз дошт, ки масъалаи рушди нутқи мураттаби хонандагон яке аз ҷузъҳои муҳими таълиму тарбия дар зинаи ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Вай таъкид намуд, ки дар шароити мактабҳои камнуфус омӯзгорон бояд аз усулҳои фаъол ва инноватсионии таълим истифода намуда, ба рушди малакаҳои гуфторӣ ва тавоноии баёнӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. Сипас, ходими илмии шуъбаи мазкур Шарифова Санавбар дар мавзуи «Ташаккули роҳу усулҳои муосири раванди таълим ва мушкилоти он дар мактабҳои камнуфус» баромад намуда, иброз намуд, ки истифодаи роҳу усулҳои муосир — аз ҷумла усули лоиҳавӣ, таълими модулӣ, усули «хонанда-омӯзгор» ва омӯзиши омехта (blended learning) — ба баланд бардоштани сатҳи фаъолият ва масъулияти таълимии хонандагон мусоидат менамояд. Ба андешаи ӯ, ҳангоми татбиқи ин усулҳо омӯзгор метавонад дар як дарс бо гурӯҳҳои синфҳои гуногун ҳамзамон кор бурда, ҳам фардикунонӣ ва ҳам ҳамгироии мазмунро таъмин намояд. Баъд аз шунидани маърузаҳо, иштирокчиёни хониши идоравӣ дар муҳити фаъолона изҳори назар намуда, ҷиҳатҳои муҳими илмиву амалии масъалаҳоро баррасӣ карданд. Мавзуъҳои пешниҳодшуда аз ҷониби роҳбарият ва иштирокчиён дастгирӣ ёфта, тавсия дода шуд, ки натиҷаҳои пешниҳодшуда дар фаъолияти илмӣ-методӣ ба таври амалӣ татбиқ гарданд. Дар анҷом, роҳбарияти пажӯҳишгоҳ изҳор дошт, ки баргузории чунин хонишҳои идоравӣ-сиёсӣ

ба баланд бардоштани сатҳи маърифати касбӣ ва густариши таҳқиқоти амалӣ дар соҳаи маориф мусоидат менамояд.
Бо баррасии андешаҳо ва идеяҳои пешниҳодшуда хониши идоравӣ-сиёсӣ кори худро ҷамъбаст намуд.








bon aqua